«Тасдиқ мекунам»
Директори Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот,
номзади илмҳои филологӣ
________________Аминзода А. Ҳ.
«___» октябри соли 2025

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илм.**

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи мавриди назар ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси илмии 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ): зербанди 1.2-уми банди 3. Библиографишиносӣ: назарияи иттилооти библиографӣ, таърих ва таърихнигории фаъолияти библиографӣ, фаъолияти библиографии китобхонаҳо, ташкили дастгоҳи маълумотдиҳӣ-библиографӣ, услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ, услубҳои хизматрасонии библиографӣ, марказҳои библиографӣ, вазифа ва самтҳои асосии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ; зербанди 2.7-уми банди 3. Методологияи таҳқиқот дар кори китобдорӣ ва ҷанбаҳои методологии фаъолияти китобдорӣ-библиографӣ, китобшиносӣ; зербанди 2.9-уми банди 3. Таҳқиқоти муқоисавӣ дар китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ, комилан мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таъсири пайвастаи раванди ҷаҳонишавӣ дар заминаи рушди технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ зарурати ҳифзу гиромидошти арзишҳои фарҳангию миллиро тақозо мекунад. Дар чунин шароит, албатта, таҷдиди назар кардани фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, бахусус китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ аз аҳаммият холӣ нест. Имрӯз бештари масъалаҳои назарӣ ва амалии фаъолияти библиографии муассисаҳои китобдорӣ моҳияти худро пайваста тағйир дода, бо дарназардошти талаботи замони муосир дастовардҳои тозаи илми ҷаҳониро дар фаъолияти хеш роҳандозӣ

менамоянд, ки ин падидаҳои навҷӯӣ ба таҳқиқу бознигарӣ ва мутобиқгардонӣ ба талаботи ҷомеаи тозабунёди миллӣ ниёз доранд. Бахусус таҳқиқи равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии хадамоти китобдорӣ, қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии истифодабарандагон ва рушди фарҳанги библиографии ҷомеа нигаронида шуда буд, ба омӯзиш ва мутобиқгардонӣ ниёз дорад. Дар ин робита, диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» имконият фароҳам меорад, ки таърихи падидоӣ, таҳаввул, равандҳои рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик мавриди таҳқиқи мушаххас қарор гирифта, дар ин замина маводи илмӣ, таълимӣ ва методии ба талаботи ҷомеаи навбунёди миллӣ мутобиқгардонидашуда таҳия шаванд, фаъолияти маълумотию библиографӣ, иттилоотию библиографӣ ва тавсиявию библиографии китобхонаҳои мамлакат тавассути татбиқи навгониҳо бо дастурамалҳо, низомномаҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ таъмин гардад ва сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-библиографӣ дар ҷомеа беҳтар шавад. Ҳамзамон, омӯзиши таҷрибаи библиографияи шуравӣ метавонад дар ҳалли масъалаҳои муосири фаъолияти библиографии муассисаҳои китобдории Тоҷикистон, бахусус дар шароити истиқлолият ва ҷаҳонишавӣ муфид бошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ дар он ифода меёбад, ки бо кӯшиши ӯ бори нахуст дар илми библиографишиносии тоҷик равандҳои таҳаввул ва рушди навъҳои гуногуни библиография дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990) ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Довталаб дар ҷамъоварию таҳлили адабиёт, сарчашмаҳои библиографӣ, тарҳрезии масъалаҳои матраҳшаванда, асоснокнамоии мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва мафҳумҳои асосии он, муайяннамоии мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, фарзия, интихоби методҳои таҳқиқот, коркарди асосҳои назариявию методологӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқот саҳми бевосита гузоштааст. Илова бар ин, диссертант андешаҳои илмии хешро тавассути хулосаҳои назариявӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои дорои ҷанбаи амалӣ мустақилона таҳия, баррасӣ ва асоснок намудааст. Мавриди зикр аст, ки довталаб солҳои зиёд ба ҳайси сарвари яке аз муассисаҳои библиографии мамлакат – Агентии

миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб – Хонаи китоби Тоҷикистон фаъолият намуда, масъаларо аз лиҳози илмӣ ва амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Диссертант дар робита ба объекти таҳқиқот аввалин маротиба навъҳои гуногуни дастурҳои библиографии тӯли солҳои 1960-1990 нашршударо ҷамъоварӣ намуда, дар шакли феҳристи мукаммал таҳти унвони «Библиографияи библиографияи Тоҷикистон» мураттаб сохтааст, ки он аз 5 боб, 6 фасл ва 52 зерфасл иборат буда, 1730 маводи библиографиро ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ фаро гирифтааст. Феҳристи таҳиянамудаи диссертант аз нигоҳи банду баст, мазмуну муҳтаво, интихобу хостагирӣ ва тавсифнигориву гурӯҳбандии мавод яке аз дастоварди камназири библиографияи тоҷик маҳсуб меёбад. Феҳристи мазкур ба муҳаққиқони соҳа роҷеъ ба навъу шакл ва жанри дастурҳои библиографӣ, таҳаввул, шаклгирӣ ва рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 маводи пурарзишро манзур менамояд. Воқеан, тавассути ин феҳрист бори нахуст барои муҳаққиқону мутахассисони соҳа номгӯи зиёди дастурҳои библиографӣ доир ба соҳаҳои гуногуни дониш пешниҳод шудааст, ки ин пеш аз ҳама аз дараҷаи омодагӣ, қобилияти хуби пажуҳишӣ, сатҳи касбият ва масъулияти баланди таҳқиқотчигии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад. Имрӯз феҳристи мураттабсохтаи муаллиф дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм ва фаъолияти амалии китобхонаҳои ҷумҳурӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми библиографӣ дар раванди пажуҳиш ва интихоби маводди зарурӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Ҳамзамон, довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ бевосита иштирок намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо таҳия кардааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Навгонии илмии таҳқиқот, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар илми библиографишиносии тоҷик дар заминаи омӯзиш ва таҳлили доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ ва библиографӣ равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 таҳқиқ карда шудааст. Хулосаҳои мантиқан асоснокшуда ва дастовардҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд. Навгонии илмии таҳқиқот боз дар он зоҳир мегардад, ки аз ҷониби диссертант таҷрибаи китобноманигории марказҳои библиографии сатҳи ҷумҳуриявӣ таҳлил карда шуда, ҷанбаҳои

мусбӣ ва манфии фаъолияти онҳо, аз ҷумла дар самти таҳияи навъҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ ошкор карда шудаанд. Ҳамзамон, бори нахуст аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардидани теъдоди зиёди адабиёти чопӣ ва маводи интишорнаёфта, ки барои ҳалли масъалаҳои дар таҳқиқот тарҳрезишуда, мавриди ҷамъоварӣ, коркард ва омӯзиш қарор дода шудаанд, навгонии илмии таҳқиқот маҳсуб меёбанд. Илова бар ин, бештари мафҳумҳои марбут ба библиографияи давлатӣ, илмӣ-ёрирасон ва тавсиявӣ ифодаи расмии худро ба забони тоҷикӣ маҳз тавассути таҳқиқоти мазкур пайдо кардаанд.

Аҳаммияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки маҷмуи донишҳои назариявии библиографишиносии ватанӣ оид ба фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографии Тоҷикистон бо асосҳои нави илмии китобноманигорӣ ва таснифнамоӣ мукаммал шуда, назария, амалия ва услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ ва созмондиҳии хадамоти библиографӣ бо донишҳои нави илмӣ ғанитар мегардад. Дар баробари ин, истифодаи таҷрибаи муфиди фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографии даврони шуравӣ ҳамчун сабақи таърихӣ барои рушди библиографияи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки маводи ҷамъовардашуда, хулоса ва натиҷагириҳои илмии муаллиф дар ҷараёни таълифи рисолаҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи библиографияи тоҷик, дарсномаву барномаҳои таълимӣ барои донишҷӯёни факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносӣ, таҳияи консепсияҳо, барномаҳои рушд ва лоиҳаҳои давлатӣ, тадриси курсу семинарҳои махсус барои библиографони китобхонаҳо ва марказҳои библиографии мамлакат, навиштани рисолаву мақолаҳои илмӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин дар раванди иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимону мутахассисон, унвонҷӯёну донишҷӯён ба сифати манбаи муҳимми илмӣ хизмат намуда, ба фаъолияти омӯзгорӣ, аз ҷумла хондани лексияҳо ва баргузории дарсҳои амалӣ аз фанҳои таълимӣ: «Таърихи библиографияи тоҷик» (ин фан аз ҷониби диссертант дар факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода таълим дода мешавад), «Созмондиҳӣ ва услуби фаъолияти библиографӣ дар китобхонаҳо», «Библиографишиносӣ», «Услубии таҳияи дастурҳои библиографӣ», ҳамзамон барои библиографони касбӣ ҷиҳати омӯзиши услуби таҳияи навъҳои гуногуни дастурҳои библиографӣ мусоидат менамояд.

**Дарачаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Ба диссертант муяссар шудааст, ки муқаррароти назариявии таҳқиқотро бо далелҳои эътимодбахш асоснок карда, мубраммият ва дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, фарзияву чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, заминаҳои эпирикӣ ва пойгоҳи сарчашмавии диссертатсияро муайян ва мушаххас намуда, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии пажуҳиш, тавсияҳо ва пешниҳодро оид ба татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дуруст шарҳу тавзеҳ диҳад. Ҳамзамон, дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро дақиқии маълумот, маводи кофии таҳқиқотӣ, мутобиқати методҳои таҳқиқ бо ҳадафу вазифаҳои он, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот ва гузаронидани таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ собит менамоянд. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқот, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва эмпирикӣ таҳия шудаанд, барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам оварда, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд. Илова бар ин, эҷодкорона истифода шудани осори муҳимми олимони шинохтаи соҳаи китобдории ватанию хориҷӣ ва таҳлили дақиқи объекту предмети таҳқиқот низ ба эътимоднокии натиҷаҳо замина гузоштааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар ҳаҷми 202 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, ду боб, чаҳор зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо таҳия гардидааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳим будани мавзуъ ва дараҷаи омӯзиши он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмет, фарзия, методҳо ва марҳилаҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳо, заминаҳои эмприкӣ ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои он, интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Заминаҳои пайдоиш, таҳаввул ва рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990» ном дорад ва аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби якуми боби якуми

диссертатсия муаллиф заминаҳои пайдоиш, таҳаввул ва рушди назарияи библиографияи тоҷикро дар солҳои 1960-1990 баррасӣ намуда, дар заминаи таҳқиқи дастовардҳои илмию назарии олимони тоҷик самтҳои афзалиятноки рушди библиографияшиносии тоҷикро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Ба андешаи диссертант, ба рушди библиографишиносии тоҷик, асосан чунин омилҳо мусоидат кардаанд: нашри пайвастаи навъу шакл ва жанрҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ аз ҷониби муассисаҳои китобдорӣ, библиографӣ ва табъу нашр; ба фаъолият шуруъ кардани бахшу шуъбаҳои мустақили илмӣ-таҳқиқотӣ, маълумотдиҳӣ-библиографӣ, библиографишиносӣ дар сохтори китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои библиографӣ; доир шудани конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва семинарҳои омӯзишӣ доир ба масъалаҳои библиографишиносӣ; таъсиси кафедраву шуъбаҳои таълимӣ доир ба омӯзиши масъалаҳои библиографишиносӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсуси китобдорӣ; ташкил ва баргузор шудани таҳқиқоти сотсиологӣ ва экспедитсияҳои илмӣ оид ба омӯзиши фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ; интишори рисола, маҷмуаҳои илмӣ ва мақолаҳои ҷудогона оид ба масъалаҳои мубрами илми библиографишиносии тоҷик; пайдо шудани шуъбаи «Танқид ва китобиёт» дар саҳифаҳои маҷаллаву рӯзномаҳо; таъсиси матбуоти даврии тахассусӣ доир ба соҳаи китобдорӣ-библиографӣ; шомил шудани муҳаққиқони ҷавон ба аспирантураву докторантура ва дифои рисолаҳои илмӣ.

Диссертант дар идомаи таҳқиқи масоили мазкур саҳми олимони соҳаи библиографияи тоҷик, аз ҷумла Р. Шарофзода, А. Раҳимов, Г. Мушеев, Н. Сайфулина, Ш. Комилзода, С. Муҳиддинов, Қ. Бӯриев (Абдураҳимзода), Қ. Гуломзода, Г. Маҳмудов ва дигаронро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои мубрами илми библиографишиносии тоҷик бисёр муҳим арзёбӣ карда, бо мисолҳои мушаххас самти таҳқиқотии ҳар як муҳаққиқро нишон додааст.

Зимни таҳқиқи масъалаҳои зербоби дуюми боби якум – «Фаъолияти Палатаи китобҳои Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи давлатӣ дар солҳои 1960-1990» диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар замони Иттифоқи Шуравӣ дар ҷаҳон калонтарин низоми умумииттифоқии нусхаҳои ҳатмӣ роҳандозӣ шуда буд ва маҳз ҳамин низом имкон дод, ки ҳамаи ҷумҳуриҳои иттифоқӣ бо маҳсулоти чопии нашриётҳо таъмин карда шаванд. Ба шарофати ин иқдом фонди миллии китобхонаву

муассисаҳои иттилоотии кишвар ташаккул ёфт, библиографияҳои миллӣ ташкил карда шуданд, феҳристсозии мутамарказ ва баҳисобгирии библиографии маҳсулоти чопӣ ба роҳ монда шуд.

Дар ин зербоби диссертатсия дар баробари арзёбии ҳадафу вазифаҳои Палатаи китобҳои Тоҷикистон, инчунин оид ба саҳми ин муассиса дар таҳияву нашри нишондиҳандаҳои библиографии ҷорӣ («Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон») ва тарҷеъӣ («Китобҳои Тоҷикистони Советӣ») маълумот дода шудааст. Омӯзиш ва таҳлили ҳар як шумораи «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон», ки тӯли солҳои 1960-1990 интишор ёфтаанд, ба диссертант имкон додааст, ки теъдоди умумии навиштаҷоти библиографии дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» ва қисмҳои он воридшударо муайяну мушаххас намояд. Тибқи таҳқиқи диссертант дар давоми 31 сол (1960-1990) дар «Солномаи матбуоти РСС Тоҷикистон» дар маҷмуъ 301377 навиштаҷоти библиографӣ номнавис шудааст, ки аз ин ҳисоб 26062 номгӯи китоб, автореферат, нота ва плакат, 244963 номгӯи мақолаи рӯзномаву маҷаллаҳо, 4098 номгӯи тақриз ва 25084 номгӯи маводи марбут ба Тоҷикистон, ки дар қаламрави Иттифоқи Шуравӣ ба табъ расидаанд, ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, дар идомаи ин зербоб диссертант ба паҳлуи дигари фаъолияти библиографии Палатаи китобҳои Тоҷикистон – таҳия ва интишори дастурҳои библиографияи тарҷеъӣ, аз ҷумла «Феҳристи китобҳои РСС Тоҷикистон» (с.1961), «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: каталог» (с.1963), «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: каталог (солҳои 1962-1966)» (с.1967), «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: каталог (солҳои 1967 - 1975)» (с.1982), «Китобҳои Тоҷикистони Советӣ: 1976-1980» (с.1988), «Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 1981-1985» (с.1992), «Китобҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: 1986-1990» (с.1995) таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ҳар як дастурро муфассал таҳлил кардааст. Ба андешаи диссертант, нашри теъдоди зиёди дастурҳои библиографии тарҷеъӣ доир ба мавзуъҳои гуногун дар солҳои 60-80-уми асри XX яке аз дастоварди беназири библиографияи давлатӣ дар таърихи библиографияи тоҷик маҳсуб меёбад.

Дар боби дуюми диссертатсия – «Равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990», ки аз ду зербоб иборат аст, масъалаҳои марбут ба назария ва амалияи омодасозии дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990 мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм «Рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар солҳои 1960-1990» диссертант дуруст қайд менамояд, ки библиографияи илмӣ-ёрирасонӣ дар баробари мусоидат кардан дар ҷамъовариву коркард, гурӯҳбандиву бо таври шоиста пешниҳод намудани ахбори библиографӣ барои анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва касбӣ-истеҳсолӣ ба олимону муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаҳои мухталиф боз қодир аст дастрасии ҳадалимкони мутахассисони истеҳсолоти саноат ва кишварзӣ, сохтмону нақлиёт, соҳаи хизматрасонӣ ва дигар соҳаҳоро бо иттилооти зарурии библиографӣ саривақт таъмин намояд.

Дар ин зербоб фаъолияти марказҳои калонтарини библиографияи илмӣ-ёрирасон дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ ва Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии АИ ҶШС Тоҷикистон таҳлил шуда, саҳми онҳо дар мураттабсозии ин намуди библиография нишон дода шудааст. Тибқи маълумоти диссертант тӯли солҳои 1960-1990 аз ҷониби муассисаҳои зикршуда 105 нишондиҳандаи библиографии илмӣ-ёрирасон таҳияву интишор шудааст, ки дар қонеъ гардонидани талабот ва дархости олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм мусоидат намудаанд. Ҳамзамон, дар диссертатсия қайд гардидааст, ки дар ташаккули системаи дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик то андозае нашрияҳои библиографии тарҷеъии китобхонаҳои илмии назди пажуҳишгоҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои РСС Тоҷикистон низ мусоидат карданд. Илова бар ин, дар ин зербоб таъкид шудааст, ки дар самти рушди низоми библиографияи илмӣ-ёрирасон дар Тоҷикистон саҳми Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии АИ ҶШС Тоҷикистон хеле назаррас буда, бо ибтикори ин китобхона тӯли солҳои 1960-1990 силсилаи китобномаҳои шарҳиҳолии олимони тоҷик дар 44 барориш таҳти унвони «Маводҳо доир ба китобномаҳои шарҳиҳолии олимони Тоҷикистон» ба табъ расидааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «Равандҳои рушди библиографияи тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990» таваҷҷуҳ ба омӯзиши вежагиҳои библиографияи тавсиявии тоҷик ва саҳми марказҳои асосии библиографии ҷумҳурӣ дар таҳияву интишори ин навъи библиография зоҳир карда шудааст. Ба андешаи диссертант, библиографияи тавсиявӣ ҳамчун сарчашмаи иттилоотӣ ба оммаи васеи хонандагон таъйин шуда, бо мақсади худомӯзӣ, баланд бардоштани

савияи дониш ва тарғиби адабиёти беҳтарин истифода мегардад ва барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, тарбияи меҳнатӣ, иқтисодӣ, экологӣ, ахлоқию эстетикӣ ва башардӯстӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, дар ин зербоб қайд гардидааст, ки Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ барои ба танзимдарории фаъолияти библиографии китобхонаҳои мамлакат ҳамчун маркази илмӣ-методӣ корҳои назаррасро ба анҷом расонида, ба сифати маркази асосии библиографияи тавсиявӣ дар таҳияву интишори дастурҳои мухталифи библиографияи тавсиявӣ саҳми калон гузоштааст. Мутобиқи таҳлили диссертант дар давоми солҳои 1960-1990 аз ҷониби ин китобхона 101 номгӯй дастурҳои библиографии мазмуни тавсиявидошта доир ба мавзуъҳои сиёсӣ, табиӣ, илмӣ-атеистӣ, педагогӣ, тарбиявӣ, техникию кишоварзӣ, маданияту санъат, адабиёти бадеӣ, адабиётшиносиву забоншиносӣ таҳия ва нашр шудааст.

Дар «Хулоса»-и диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот дар 8 банд ҷамъбаст карда шуда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 10 зербанд ва 5 номгӯи мавзуи нав оварда шудаанд, ки дурнамои таҳқиқи мавзуи диссертатсияро нишон медиҳанд. Рӯйхати адабиёт тибқи стандартҳои пазируфташуда бар асоси меъёр ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайвали таҳқиқоти бaанҷомрасида, комил ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, бо муҳиммияту мубрамият, навгониҳои назариву амалӣ ва аҳаммияти худ ба талаботи пажуҳиши диссертатсионӣ мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Нодирзода Сайзароб Сайали ба ихтисоси илмии дархостшаванда 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мувофиқат мекунад. Зеро довталаби дараҷаи илмӣ аз руйи ихтисоси мазкур дар назди кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии МДТ «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода» зинаи доктори фалсафа (PhD], доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)-ро гузаштааст. Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш низ мувофиқат менамояд. Илова бар ин, муаллифи диссертатсия доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқ мақолаҳои илмӣ навишта, дар конференсияҳои илмиву амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ суханронӣ намудааст, ки ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошанд.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишорнамудаи муаллиф, ки дар 3 дастури методию библиографӣ ва 21 мақола чоп шудаанд, фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 5 номгӯйи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Автореферат мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд. Ҳамзамон, матни русии автореферат бо варианти тоҷикии он пурра мувофиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари муваффақиятҳо, дастоварду пешниҳодҳои дақиқи илмӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқоти ояндаи диссертант аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар диссертатсия оид ба фаъолияти "Маркази эҷодиёти халқ", ки солҳои 60-90-уми асри гузашта дар самти роҳандозӣ намудани ёрии илмиву методӣ ба муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла китобхонаҳо корҳои назаррасро ба анҷом расонидааст, ягон маълумот дода нашудааст.

2. Дар зербоби якуми боби якуми диссертатсия оид ба нақши мактаби китобдории рус, ки дар тайёр кардани олимони соҳаи библиографияшиносии тоҷик саҳми муносиб гузоштааст, кам таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст.

3. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия сухан дар бораи нашри дастурҳои библиографияи тавсиявӣ ва аҳаммияти онҳо дар тарғиби адабиёт ва роҳбари хониш меравад, аммо таҷрибаи китобхонаҳои вилоятии мамлакат дар ин самт нишон дода нашудаанд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва дар баъзе ҳолатҳо риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои боз ҳам беҳтар шудани сифати кор мусоидат хоҳад кард.

Эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби диссертант зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои то кунун нисбатан кам таҳқиқшуда дар илми библиографияшиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Диссертант дар ҷараёни

таҳқиқот аз методҳои таҳлили назариявии таърихӣ, синтези сарчашмаҳои библиографишиносӣ ва иттилоотшиносӣ; омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти фаъолияти марказҳои библиографӣ; мушоҳидаи илмӣ, мусоҳиба, таҳлили сифатӣ ва шуморавии маводи оморӣ ва методҳои махсуси соҳаи библиографишиносӣ: пажуҳиши библиографӣ, библиографиянамоӣ, гурӯҳбандии библиографӣ ва ахборотдиҳии библиографӣ ва ғайра огоҳона истифода бурда, мавзуъро ба таври комил ҳаллу фасл намудааст. Таҳқиқоти мазкур дар илми библиографияшиносии тоҷик иқдоми нахустин буда, диссертант тавонистааст аз уҳдаи ҳалли мақсаду вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташуда бо хубӣ барояд.

Дар асоси мулоҳизаҳо, эродҳо ва тавсияву пешниҳодҳои дар боло зикршуда муассисаи пешбари тақриздиҳанда ба чунин хулоса ва қарор омад, ки диссертатсияи довталаб Нодирзода Сайзароб Сайали бо мубрамии мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва доираи таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст ва «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493), бо пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод мегардад.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари илмии шуъбаи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот Хоҷаев Қурбон Тоҳирович мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи Шурои илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ

Нодирзода Сайзароб Сайали иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи мазкур 15 нафар олимону ходимони илмӣ иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «бетараф» – нест, «муқобил» - нест. (қарор дар ҷаласаи Шурои илмии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот, таҳти №10 аз 03.10.2025 тасдиқ шудааст).

**Раиси ҷаласа:**
муовини директор оид ба корҳои илмии
Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилоот,
номзади илмҳои филологӣ _____________ Ҷӯраев М.

**Эксперт:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
ходими пешбари илмии шуъбаи фаъолияти
иҷтимоӣ-фарҳангии Пажуҳишгоҳи илмӣ-
тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот _____________ Хоҷаев Қ.Т.

**Котиби илмии ҷаласа:**
муовини директор оид ба корҳои методӣ
ва умумии Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилоот,
доктори фалсафа (Phd) аз рӯйи
ихтисоси 6D020502 – Забони тоҷикӣ _____________ Каримова Г.

Имзои доктори илмҳои педагогӣ, профессор Қ.Т.Хоҷаев,
номзадҳои илм М.Ҷӯраев ва Г.Каримоваро тасдиқ мекунам.

**Нозири кадри**
Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилоот _____________ Холикова М.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734018. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Н. Қарабоев, 17. Тел.: (+992-37) 233-58-84;
907-62-63-46. Сомонаи расмӣ: e-mail: vfarhang98@gmail.com;
Веб-сайт:www.pitfi.tj
«__03__» ___10___ соли 2025.